**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор**
**____________ Ибодуллозода А. И.**
**«___» _________ соли 2025.**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаии пешбар ба диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» ба бандҳои 9-10-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6D020501– Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Низом Қосим аз шоирони соҳибистеъдод ва муваффақи адабиёти давраи нави тоҷик, хусусан, замони Истиқлол буда, шеъри ӯ имрӯз на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он хонанда ва ҳаводоронии худро пайдо кардааст. Шеъри Низом Қосим ҳам аз нигоҳи забону сабки баён, ҳам аз ҷанбаҳои ҳунарию бадеӣ ва ҳам аз ҷиҳати мавзую муҳтаво ҷалби таваҷҷуҳ мекунад. Ашъори Низом Қосим ба мавзуъҳои гуногуни рӯзгори гузаштаю кунунӣ бахшида шуда, дар ин радиф бозтоби бадеии масоили иҷтимоӣ аз муҳимтарин мавзуъҳои эҷодиёти ӯ буда, аз нахустин маҷмуа то маҷмуаи охирини ашъор, ҳамчунин, шеърҳои дар матбуоти даврӣ интишорёфтаи ӯ ҳузури ин мавзуъ мушоҳида мешавад. Илова бар ин, Низом Қосим дар баробари ашъори иҷтимоӣ тавонистааст, ки дар шеърҳои ахлоқӣ, тасвирӣ ва ишқӣ худро ҳамчун шоири навпардоз муаррифӣ намояд. Аҳаммияти кори таҳқиқии Наврӯззода Доро, пеш аз ҳама, дар он зоҳир меёбад, ки ҳаёту эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – Низом Қосим бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ шудааст. Ин мавзуъ дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи комилан нав маҳсуб меёбад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамии мавзуъ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгониии илмӣ, сарчашмаҳои пажӯҳиш, аҳаммияти назарию амалии диссертатсия, инчунин, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми шахсии ӯро нишон медиҳанд. Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант донист. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, хронологӣ, таҳлилӣ ва назарияи жанрҳои адабӣ босамар истифода намудааст. Тибқи андешаи диссертант Низом Қосим аз зумраи шоиронест, ки дар рушди адабиёти навини тоҷик саҳми назаррас дошта, осор ва фазилатҳои эҷодии ӯ нақду ёфта, то ба имрӯз мавриди таваҷҷуҳи адибону суханшиносони зиёде қарор мегирад. Бо вуҷуди ин, то ҳанӯз бисёре аз ҷанбаҳои ҳаёт ва эҷодиёти шоир, хусусан, нақши ӯ дар рушду таҳаввулу шеъри тоҷикии охири асри XX ва замони Истиқлол мавриди таҳқиқи густурда қарор нагирифта буд.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид кард, ки дар бобу фаслҳои диссретатсия Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон як қатор масъалаҳои марбут ба рӯзгору осори Низом Қосим, мавзую муҳтаво ва ҷанбаҳои ҳунарию сохтории ашъори сиёсию иҷтимоии шоир ба таври муназзаму мантиқӣ дастабандӣ ва баррасӣ мешаванд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мақом ва нақши Низом Қосим дар рушду такомули лирикаи иҷтимоии замони Истиқлол мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, масъалаҳои мартуб ба ҷанбаҳои мавзуӣ, мансубияти жанрӣ, анъанаю навпардозиҳои шоир дар заминаи ашъори сиёсию иҷтимоии ӯ баррасӣ гардидаанд.

**Аҳаммияти назарии** диссертатсия бо он асоснок мегардад, ки таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгуни таърихи адабиёти давраи навини тоҷик, такомули назми ду даҳаи охири асри XX, баррасии шеъри даврони Истиқлоли тоҷик ва инъикоси ғояҳои баланди миллӣ дар лирикаи иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. **Аҳаммияти амалии** диссертатсияи мавриди

назар дар он зоҳир меёбад, ки аз маводи рисола, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавон дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи масъалаҳои ҷудогонаи шеъри муосири тоҷик, таълифи китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири тоҷик дар давраи Истиқлол, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрантҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ истифода кард.

Диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, китобнома ва номгӯйи таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **«Ҷойгоҳи шоир дар адабиёти даврони Истиқлол»** унвон дошта, таҳқиқи ин масъала дар ду фасли асосӣ анҷом дода шудааст. Фасли аввали боб **«Мухтасари рӯзгор ва шарҳи осори Низом Қосим»** унвон дорад, ки дар он шарҳи ҳоли шоир, бо фарогирии марҳилаҳои асосии рӯзгору фаъолияти эҷодии ӯ баррасӣ мегардад. Чуноне диссертант ишора менамояд, то ба имрӯз 21 маҷмуаи ашъор, мақолаву очеркҳояш ба чоп расидаанд. Таъкид мегардад, ки «Низом Қосим дар навиштани манзума, асарҳои саҳнавӣ, либреттою баллада ва анвои дигари назм қувваҷанҷӣ кардааст» (диссертатсия, с. 14). Диссертант маҷмуаҳои интишорёфтаи Низом Қосимро бо низоми муайян тасниф намуда, ҳамчунин, доир ба афкори адабӣ-танқидӣ, фаъолияти тарҷумонӣ, драматургӣ ва публитсистии ӯ бо овардани шавоҳиди мушаххас иттилоъ медиҳад.

Дар фасли дуюми боби аввал **назари муҳаққиқон ва ҳамкасбон ба мақоми шоирӣ ва ҳунри эҷодии Низом Қосим** баррасӣ мешавад. Муаллифи диссертатсия саҳми адабиётшинос Юсуф Акбарзода дар нақду баррасии таълифоти Низом Қосим, хусусан, ашъори ватандӯстонаи ӯ назаррас маънидод карда, сайъ намудааст, ки баррасии шеъри Низом Қосим ва ҳунари шоирии ӯро дар манзари нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашад. Дар ин фасл таълифот ва андешаҳои муҳаққиқону шоирон

– Алиасғари Шеърдӯст, Бозор Собир, Камол Насрулло, Рустам Ваҳҳобзода, Шералӣ Мӯсо ва Солеҳҷон Қосимзода на танҳо зикр меёбанд, балки нақшу таъсири чунин нақду баррасиҳо дар ташаккули шахсият ва ҳунари шоирии Низом Қосим батафсил тавзеҳ меёбанд.

**Боби дуюми** диссертатсияи Наврӯззода Доро асосан ба таҳқиқи масоили марбут ба мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим ихтисос дода шудааст. Диссертант дар оғози ин боб масъалаҳоро ба таври куллӣ ба миён гузошта, дар фаслҳои баъдӣ онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ менамояд. Боби мазкур аз чаҳор фасл таркиб ёфтааст.

Фасли аввал – **«Корбурди мавзуъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ дар шеъри шоир»** ба таҳқиқи масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар ашъори Низом Қосим бахшида шуда, эҷодиёти шоир бо ҳаёти иҷтимоӣ, ҳаводиси сиёсӣ ва таърихӣ тавъам баррасӣ мегардад. Ба андешаи диссертант мавзуъҳои иҷтимоию сиёсӣ дар давраи дигаргуниҳои таърихӣ ва ҳаводиси муҳимми иҷтимоӣ ба адабиёт роҳ ёфта, ашъори Низом Қосим аз ин радиф истисно нест.

Диссертант сабаби ба мавзуъҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ рӯй овардани Низом Қосимро дар як мусоҳибааш дарёфтааст: «Аз он масоил гуфтану он мушкилоти айнӣ ва ё зеҳниро матраҳ кардан, баду неки зиндагиро пайваста бо мизони инсофу адолат баркашидан ваколати нонавиштаю имконияти сарнавиштии адиб аст. Банда тавассути шеърҳои иҷтимоиям аз ин беш ҳадаф надоштаасту коре накардааст». Ба андешаи диссертант, «шоир ҳарчанд ваколати ҳалли масоили иҷтимоиро надорад, баду неки зиндагиро мешиносад ва сиёсатмадорону мардуми одиро ба ҳалли дурусти масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ҳидоят карда метавонад» (диссертатсия, с. 32).

Дар фасли дуюми боби мазкур **мушкилоти ҷомеа ва назари интиқодии шоир ба онҳо** матраҳ шудааст. Диссертант кӯшиш кардааст, ки нақшу мавқеи оҳангҳои танқидӣ, фошсозии нуқсонҳои ҷомеаро дар шеъри Низом Қосим ҷӯё шавад. Махсусан, шеърҳои «Тоҷикистон», «Футбол», «Ароба», «Аҳли фарҳангем», «Нарх арзон шуд», «Дарди ном», «Одат», «Шикам», «Қолаб» ва ғайра, ки ҳамагӣ фарогири мушкилоти иҷтимоӣ ва ё рӯзгори мардуманд хеле хуб баррасӣ шудаанд.

Дар фаслҳои сеюм ва чоруми боби дувум **тарғиби ватандӯстӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, инъикоси образи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва симоҳои барҷастаи халқи тоҷик** дар ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим нақду таҳқиқ шудаанд. Воқеан, шеърҳои

«Таронаи Ватан», «Суруди мо», «Баҳори Ватан», «Кишвари муқаддас», «Тоҷикистонам», «Оби Ватан», «Зинда бод!» ва амсоли инҳо аз намунаҳои хуби ашъори ватандӯстонаи замони Истиқлол мебошанд. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ бозтоби бадеии мавзуи Ватан ва ватандӯстиро дар ашъори шоир ба таҳқиқ гирифта, ба панҷ бахш ҷудо кардааст: 1. Тараннуми Ватан ва ватандӯстӣ; 2. Истиқлоли давлатӣ; 3. Ваҳдати миллӣ; 4. Парчами давлатӣ; 5. Забони давлатӣ.

Дар диссертатсия вобаста ба ҳар кадоме аз ин мавзуъҳои муҳим мисолҳо ва таҳлилу натиҷагириҳои қобили таваҷҷуҳ ба назар мерасанд. Воқеан, аксари мавзуъҳои ашъори шоир дар атрофи мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ давр зада, аз он сарчашма мегиранд. Чунони дар шеъри «Пайванди Ватан» худи шоир бар ин назар аст:

Суханро баски пайванди Ватан кард,
Кунад бӯи Ватан ҳар ҳарфи шеъраш... (диссертатсия, с. 64).

Дар диссертатсия ба тасвири образ ва корномаҳои мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва симоҳои дигари барҷастаи халқ таваҷҷуҳи вижа зоҳир шудааст. Бо нияти тавзеҳи бештари ин масъала шеърҳои «Симои халқ», «Сулҳ овард ӯ...», «Пешвои миллат», «Офтоби Ваҳдат», «Давронсоз», «Қаҳрамони Ваҳдат», «Ин мулоқоти поки Наврӯзӣ...», «Пешвои ман», «Рӯзи интихоб», «Қаҳрамони Ваҳдат», «Ҳалолат шири модар...», «Меъмори Истиқлол», «Бо Пешвои миллатем!», «Пайванд» ва ғайра таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Низом Қосим ба шахсиятҳои маъруф – Қаҳрамонони Тоҷикистон, арбобони ҷамъиятӣ, бузургони таъриху фарҳанг, санъаткорон, пайвандону дӯстон ва дигар намояндагони касбу кори гуногун шеърҳои зиёд бахшида, онҳо қисми назарраси эҷодиёти шоирро ташкил медиҳанд. Диссертант ин қисми эҷодиёти шоирро аз ҷиҳати мазмун шартан ба ду қисм ҷудо кардааст: 1) тавсифӣ, дар онҳо хизматҳои ин ё он ашхос зикр гардидааст; 2) иҷтимоӣ, дар асоси тасвири зиндагии нафари машҳур ифода намудани мушкилоти зиндагӣ (диссертатсия, с. 90).

Масоили марбут ба сохтор, мансубияти жанрӣ, вижагиҳои ҳунарии ашъори сиёсию иҷтимоӣ, навпардозиҳо дар эҷоди манзума, баллада, либретто ва драмаҳои Низом Қосим **дар боби сеюми диссертатсияи** Наврӯззода Доро дар се фасл мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар фасли аввали ин боб диссертант доир ба сохтор ва мансубияти жанрии ашъори Низом Қосим ибрози назар кардааст. Муайян карда шудааст, ки хусусияти умумӣ ва дар айни замон, фарқкунандаи ашъори лирикӣ ва

ошиқонаи Низом Қосим заминӣ, хонданӣ, сода ва зуд дарк шудани онҳо мебошад.

Дар фасли мазкур ғазалиёт, рубоию дубайтиҳо, модарнома, суруд, шеърҳои нав, ашъори тасвирӣ ва ҳасбиҳолии шоир таҳлил шудаанд. Наврӯззода Доро сохтори шеъри Низом Қосимро гуногунранг маънидод карда, нақшу мавқеи назаррас доштани рубоӣ, дубайтӣ, ғазал ва шеъри навро таъкид менамояд. Ба андешаи ӯ, Низом Қосим дар ин самт, пеш аз ҳама, анъанаи С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Ҳ. Юсуфиро идома дода, дар лирикаи ошиқона ва ашъори тасвирию ҳасбиҳолӣ идомабахши таҷрибаи Бозор Собир ва Лоиқ Шералӣ мебошад (диссертатсия, с. 128).

Дар ду фасли дигари боби сеюм вижагиҳои ҳунарии ашъори сиёсию иҷтимоӣ, навпардозиҳо дар эҷоди манзума, баллада, либретто ва драмаҳои Низом Қосим муфассал таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Таъкид мешавад, ки ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори Низом Қосим аз он ҷиҳат қобил мулоҳиза аст, ки ӯ масоили иҷтимоиро ҳам дар либоси ҳунар ҷилвагар менамояд.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант дар бахши «Хулоса»-и диссертатсия дар 11 банд манзур гардида, аксари онҳо натиҷаи баррасиҳои бобу фаслҳои диссертатсия мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодакардаи диссертант мувофиқи меъёр ва талаботи феҳрастнигорӣ танзим гардидааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои зиёди илмӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои бознигарӣ ва такмили минбаъдаи кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Ба назари мо, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ таҷдиди назар ва такмил мехоҳад. Агар диссертант матолиби дар фасли дуюми боби аввал, яъне «Назари муҳаққиқон ва ҳамкасбон ба мақоми эҷодии шоир»-ро дар «Муқаддима»-и диссертатсия баён мекард, беҳтар буд.

2. Унвони баъзе фаслҳои диссертатсия аз назари масъалагузории илмӣ таҳрир ва тасҳеҳталаб мебошанд. Чунончи, фасли аввали боби сеюмро, ки «Жанр ва сохтори ашъори шоир» ё аз нигоҳи масълагузорӣ бояд дигаргун мешуд ва ё онро ба боби дуюм бурда, номи бобро тасҳеҳ кардан зарур буд.

3. Мутаассифона, дар диссертатсия ва автореферат на ҳамаи адабиёти зарурии илмӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҷумла, «Адабиёти тоҷик дар замони Истиқлолият»-и М.С. Имомзода, А. Кӯчарзода, М.А. Абдуллозода ва М. Табарӣ аз мадди назари диссертант дур мондааст.

4. Диссертант мавзуи ашъори Низом Қосимро дар давраи бозсозӣ ва Истиқлоли давлатии кишвар ба чаҳор қисмат ҷудо кардааст: 1) тараннуми Ватан ва ватандӯстӣ; 2) тасвири симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шахсиятҳои баргузидаи халқи тоҷик; 3) тасвири ҳаёти сиёсӣ ва мушкилоти ҷомеа; 4) ашъори лирикӣ.

Аз муҳтавои диссертатсия ва автореферат чандон маълум намегардад, ки чунин таснифот дар асоси кадом меъёр сурат гирифта бошад!?

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, китобат ва техникӣ (саҳ. 12, 29, 45, 77, 79, 85, 96, 114, 139, 156 ва ғайра) ба назар расида, таҳриру ислоҳи минбаъдаи онҳо ба манфиати кор аст.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илми кори таҳқиқии мазкурро халалдор намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати хуби илмӣ дошта, фаъолият ва таълифоти ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

Авторефераги диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, аз 8 мақолаи нашршуда 5 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон бо аҳаммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Худойдодов Аъзам Овлододович омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 28-уми январи соли 2025 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи № 6, аз 28. 01. 2025.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садридидн Айнӣ Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Худойдодов Аъзам Овлододович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

**Имзоҳои Ш. А. Солеҳов, А.О. Худойдодов ва А. А. Шоевро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим


**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj


«28» январи соли 2025.